# СУРАТМАҶЛИСИ № 98

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 07 октябри соли 2025 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд тасдиқ гардидааст, иштирок доранд 13 нафар, аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод карда мешавад, ки ҷаласаи Шуро кушода эълон шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ кушода эълон шавад.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**Раис:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ дар рӯзномаи ҷаласа як масъала аст. Аз сабабе, ки ман роҳбари илмии унвонҷӯй ҳастам, пешниҳод мегардад, ки раисикунанда ба зимаи муовири раиси шурои диссертатсионӣ, профессор Золотухин А.В. вогузр карда шавад. Кӣ ҷонибдори ҳамин пешниҳод аст, хоҳиш мекунам мавқеи худро муайян кунед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор.

**Раисикунанда:** Ҳимояи диссертатсияи Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзуи «Инкишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

**Роҳбари илмӣ:**

**Азиззода Убайдулло Абдулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Буризода Эмомалӣ Бозор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**- Аминжонов Абдураззоқ Худойшукурович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (ш. Бохтар).

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе ).

Кӣ ба рӯзномаи ҷаласа тарафдор аст, хоҳишмандем овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Ҳама тарафдор мебошанд.

Сухан ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ Қодиров Н.А. доир ба пешниҳод намудани маълумотномаи мухтасар дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ дода мешавад.

**(Парвандаи унвончӯй № ___)**

**Раисикунанда:** Ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ Қодиров Н.А. доир ба ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва маълумотномаи мухтасар дар бораи унвонҷӯ ягон савол ҳаст? Савол нест.

**Сухан ба диссертант оид ба муҳтавои асосии диссертатсия.**

**Файззода Моҳинав Раҷаб** – баромад кард.

**Раисикунанда:** Ба диссертант кӣ савол дорад? Марҳамат профессор Маҳмудзода М.А., Холиқзода А.Ғ., Сангинзода Д.С., Диноршоҳ А.М., Назаров А.Қ.

**Файззода Моҳинав Раҷаб** ба саволҳо ҷавоб дод.

**Раисикунанда:** Боз савол ҳаст ба диссертант? Савол нест.

Сухан ба роҳбари илмии диссертант Азиззода Убайдулло Абдулло дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ, Қодиров Н.А. барои қироати хулосаи кафедра, хулосаи ҷаласаи муштараки факултети ҳуқуқшиносӣ, тақризи муассисаи пешбар, тақризҳое, ки ба автореферати диссертатсия фиристода шудаанд, дода мешавад.

Котиби Шуро қироат мекунад:

1. Хулосаи Маркази миллии Қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Тақризи муассисаи пешбар.

4. Тақризҳои воридшуда.

**Раисикунанда:** Барои ҷавоб додан ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои воридгашта сухан ба диссертант дода мешавад.

**Файззода Моҳинав Раҷаб** – баромад кард.

**Раисикунанда:** Сухан ба муқарризи расмии якум – Буризода Эмомалӣ Бозор – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба диссертант барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии аввал дода мешавад.

**Файззода Моҳинав Раҷаб** – баромад кард.

**Раисикунанда:** Сухан ба муқарризи расмии – Аминжонов Абдураззоқ Худойшукурович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (ш. Бохтар). дода мешавад. (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба диссертант барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

**Файззода Моҳинав Раҷаб** – баромад кард.

**Раисикунанда:** Ба мубоҳиса мегузарем. Кӣ хоҳиши иштирок намудан дар муҳокимаи диссертатсияро дорад. Марҳамат профессорон Шарофзода Р.Ш., Холиқзода А.Ғ., Назаров А.Қ.

**Раисикунанда:** Кӣ хоҳиши баромад намудан дар муҳокимаи диссертатсия ба ҳайси муқарризи ғайрирасмиро дорад? Марҳамат! Академик Маҳмудзода М.А. Боз кӣ хоҳиши баромад намудан ба ҳайси муқарризи ғайрирасмиро дорад? профессор Ғаюрзода Ш.К.

**Ба диссертант** сухани хотимавӣ дода мешавад.

**Файззода Моҳинав Раҷаб** – баромад кард.

**Раисикунанда:** Ҳамин тариқ, муҳокимаи диссертатсия анҷом меёбад. Ба расмиёти овоздиҳии пинҳонӣ мегузарем. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ интихоби комиссияи ҳисоб зарур аст.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб аъзои зерини шурои диссертатсионӣ интихоб шуданд: Мирзозода П.З., Диноршоҳ А.М., Аминова Ф.М.

Дигар пешниҳод нест? Нест. Кӣ чунин ҳайати комиссияро тарафдор аст, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор аст.

Аз ҳайати комиссияи ҳисоб хоҳиш карда мешавад, ки фаъолияти хешро амалӣ намояд (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

**Раисикунанда:** Барои қироати натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, сухан ба раиси комиссияи ҳисоб, профессор Мирзозода П.З.

дода мешавад.

Қироати суратмаҷлиси комиссияи ҳисоб.

**Раисикунанда:** Барои тасдиқи суратмаҷлиси комиссияи ҳисоб кӣ тарафдор аст, ҳоҳиш карда мешавад, ки овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор.

Ба қабули матни хулоса оид ба диссертатсияи Файззода Моҳинав Раҷаб, ки ба аъзои шурои диссертатсионӣ тақсим карда шудааст, мегузарем. Аз ҷониби аъзои шурои диссертатсионӣ ягон эрод, пешниҳод ё илова ҷой дорад?

**Раисикунанда:** Кӣ ба хулосаи шурои диссертатсионӣ тарафдор аст, марҳамат овоз диҳад. Муқобил, бетараф – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд (Хулосаи шурои диссертатсионӣ замима мегардад).

**Раисикунанда:** Иҷозат диҳед, қарори шурои диссертатсиониро оид ба ҳимояи диссертатсияи Файззода Моҳинав Раҷаб қироат намоям.

## ҚАРОРИ
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

07 октябри соли 2025 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 таҳқиқоти диссертатсионии Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзуи «Инкишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (Азиззода Убайдулло Абдулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.), тақризи ва баромадҳои муқарризони расмӣ – Буризода

Эмомалӣ Бозор – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; Аминҷонов Абдураззоқ Худойшукурович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (н. Бохтар)., тақризи муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе ) ва баромади мутахассисон аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шарофзода Р.Ш., Холиқзода А.Ғ., Назаров А.Қ. ва муқарризи ғайрирасмӣ академик Маҳмудзода М.А. ва профессор Ғаюрзода Ш.К.,-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 дар асоси натиҷаи овоздиҳи пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Файзода Моҳинав Раҷаб, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Файзода Моҳинав Раҷаб дар мавзуи «Икишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ба талаботҳои пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бандҳои 31 ва 33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу мебошад.

2. Интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд.

3. Ба Файзода Моҳинав Раҷаб дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Файзода Моҳинав Раҷаб-ро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор — Золотухин А.В.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент — Қодиров Н.А.

07 октябри соли 2025